Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Рисолаи диссертатсионии Анушервони Исрофил аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ мебошад, чунки муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ яке аз соҳаҳои мураккабтарини муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун асоси муносибатҳои соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, заминистифодабарӣ, оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигарҳо баромад менамояд. Дар ин ҷода таҳқиқоти мазкур барои танзим ва рушди муносибатҳои маданӣ дар самти анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бораи сабабҳои кам истифода бурдани урфу одатҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун воситаи танзими муносибатҳо дар муомилоти маданӣ андеша намуда, барои посух додан ба ин савол таърихи ташаккули урфу одати ҳуқуқиро мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст. Ӯ қайд менамояд, ки одатҳо яке аз қадимтарин сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ буда, одати ҳуқуқӣ эътирофи ҳуқуқии худро дар моддаи 5 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 ва баъдтар дар моддаи 5 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 низ ҳамчун одатҳои муомилоти корӣ номгузорӣ шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, аломатҳои одатҳои ҳуқуқиро дар асоси мафҳуми ҳуқуқии он, аз ҷумла: 1) қоидаи рафтор; 2) ҳатмӣ мебошанд; 3) дар ягон соҳаи фаъолият ба вуҷуд омада; 4) дар қонунгузорӣ пешбининашуда, нишон додааст.

Ба ақидаи муаллиф, ба одат инчунин хусусиятҳои зерин низ хос мебошад: ахлоқӣ, оқилона, куҳнапарастӣ, муҳиммият ва ғ. Диссертант дар таҳқиқот дарҷ намудааст, ки ин аломатҳои одатҳо дар низоми ҳуқуқии муосири миллӣ чӣ гуна зоҳир мешаванд. Таъкид мешавад, ки

одатҳои ҳуқуқӣ ба ақидаҳои ҳукмфармо дар бораи ахлоқ ва адолат дар ҷомеа мувофиқат мекунад. Мафҳумҳои ҳатмии хусусияти умумибашарӣ ва итминони расмии одатҳо ошкор карда шудаанд.

Қайд карда мешавад, ки одатҳо барои истифодаи такрорӣ пешбинӣ шуда, ба ҳама ҳолатҳои шабеҳе, ки дар давраи эътибори он ба вуҷуд меоянд, дахл дорад. Муаллифи одатҳо доираи номуайяни шахсон мебошад. Одатҳо дар соҳаҳои муайяни фаъолияти инсонӣ (тиҷорат, бонкдорӣ, суғурта ва ғ.) ташаккул ва татбиқ мешаванд. Одатҳои дар соҳаи муайяни фаъолият муқарраршуда наметавонанд берун аз ин соҳа татбиқ карда шаванд.

Инчунин дар таҳқиқот роҳҳои ҷамъоварӣ ва сабти одатҳо зикр шудааст. Одатҳои бақайдгирифташудаи расмӣ ва ғайрирасмӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Мавқеи одатҳо дар байни воситаҳои танзимгари муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ҷойи муайянеро ишғол менамояд. Дар ҳалли масъалаи таносуби меъёрҳои одатӣ ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ фарқият ва монандиҳо муайян карда шудаанд. Роҳҳои таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи одатии маданӣ нишон дода шудаанд.

Таҳқиқоти Анушервони Исрофил дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин таҳқиқоте мебошад, ки дар он масъалаҳои назариявӣ-амалии одатҳо дар муомилоти маданӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф аз уҳдаи вазифаҳои гузоштаишуда баромада, дар мавзӯи таҳқиқотии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамуда, ҳамаи паҳлуҳои масъалаҳои баррасишавандаро пурра ошкор намуда, ҷиҳати расидан ба мақсадҳои дар таҳқиқот дарҷшуда аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, инчунин аз ақидаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

Таҳқиқоти мазкур аҳаммияти илмӣ-амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ пешниҳод гардидаанд, дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мавзуи таҳқиқшаванда ва моҳияти он дар 15 мақолаҳои илмӣ (7 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаи илмии тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Предиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаҳои илмӣ дар дигар маҷаллаҳои илмӣ) ва маърӯзаҳои дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ кардаи унвонҷӯй ифодаи худро ёфтаанд, ки саҳми довталабро дар таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд.

Ба дастовардҳои ноилгардидаи муаллиф нигоҳ накарда, бояд қайд намоем, ки дар таҳқиқот баъзе аз масъалаҳо ва хулосабарориҳо баҳснок мебошанд. Аз ҷумла, муаллиф масъалаи одатҳоро дар таносуб бо ахлоқ ва ҳуқуқ то ба охир таҳлил накардааст, ки он метавонист нақши одатҳоро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври васеъ муайян мекард. Эроди мазкур, ба мазмун ва моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда таъсир намерасонад.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти мадани» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, инчунин муаллифи диссертатсия арзандаи дараҷаи илмии дарёфтшаванда мебошад.

Тақриздиҳанда:
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. Раҷабзода

Имзои «Р. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«29» ноябри с. 2023

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221- 78-93, (992) 918 – 61 – 18 – 53
E-mail - rrm_67@mail.ru